# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

№14(391) / 06 сентябри соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.



Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

www.mehnat.tj Rrohnamo@mail.ru +992 93-483-36-36 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА НАМОЯНДАГОНИ КАСБУ КОРИ ГУНОГУН МУКОФОТ ВА УНВОНУ ҶОИЗАҲОИ ДАВЛАТӢ СУПОРИДАНД



**30 август дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро супориданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро ба муносибати ҷашни муқаддаси миллӣ – 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ табрик намуда, иброз доштанд, ки дар арафаи ҷашни солгарди Истиқлолияти давлатӣ бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонидани намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла аҳли зиё, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони дигар соҳаҳо нишонаи қадршиносии Ҳукумат дар бунёди давлатдории миллии мо мебошад.

Барои дастовардҳои баланди меҳнатӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, рушди илму фарҳанг ва дигар бахшҳои иқтисоди миллии мамлакат бештар аз 200 нафар олимону омӯзгорон, шоирону нависандагон, аҳли фарҳангу санъат ва хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - унвони фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон, унвони фахрии Шоири халқии Тоҷикистон, унвони фахрии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, унвони фахрии Ҳофизи халқии Тоҷикистон, унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, унвони фахрии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, бо ордени Спитамен дараҷаҳои I ва II, ордени Шараф дараҷаи II, бо медалҳои Ҷасорат, Хизмати шоиста, Шафқат, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ ва Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2023 қадрдонӣ шуданд.

Дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ низ яккатор кормандоне, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, аз ҷумла, директори МДТ «Литсейи касбии махсуси маъюбони шаҳри Душанбе» Хуршед Исматуллозода бо медали Хизмати шоиста мушарраф гардид.

**Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хос ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19**


ПАЁМИ ТАБРИКОТӢ 2

ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ – ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ МИЛЛӢ





НАТИҶА ВА ДУРНАМО 3

ТАТБИҚИ ТАДБИРҲОИ ТОЗА НУФУЗИ СОҲАРО БОЛО МЕБАРАД





ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ 4

ДУХТАРОН ВА БОНУҲО КАСБҲОИ ЗАМОНАВӢ МЕОМӮЗАНД





ТАШАККУЛИ ШАХС 5

ТАРБИЯ АЗ ОИЛА ИБТИДО МЕГИРАД




Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ – ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ МИЛЛӢ

**(Паёми табрикотии Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа бахшида ба 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**Ҳамдиёрони азиз!**

Бо камоли ифтихору фараҳмандӣ аз номи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи Шуморо ба муносибати муқаддастарин ва олитарин ҷашни мардуми кишвар 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният мегӯям.

Истиқлол ганҷи бебаҳо, рамзи асолату ҳувияти миллӣ ва шарти бақои таърихии давлат буда, барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлол барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро



омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи шоиставу ибратбахш буда, дар як муддати кӯтоҳтарин аз санҷишҳои таърих сарбаландона гузашт. Истиқлоли давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи ойину суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳилаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд.

Маҳз ба шарофати истиқлолият сиришти маънавии миллати тоҷик тасмияти сиёсӣ пайдо намуд.

Боиси ифтихору сарбаландист, ки дар тамоми кишвари азизамон бо дастгирӣ ва ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ободониву бунёдкориҳо мунтазам вусъати тоза мегиранд.

Ба истифода додани даҳҳо иншооти ҷашнӣ, обод гардидани садҳо километр роҳ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, ба фаъолият шуруъ намудани даҳҳо корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва амсоли он аз дастовардҳои даврони истиқлолият махсуб мешаванд.

Ин дастовардҳо шаҳодати равшани он аст, ки мо дар ватани биҳиштосои худ бо меҳнати софдилонаву содиқона ва кору фаъолияти созандаву ободгарона дар солҳои наздиктарин барои ҳар як фарди кишвар зиндагии шоиста ва рӯзгори ободро фароҳам меоварем. Дар марҳилаи кунунӣ ҳар як фарди ҷомеаро зарур аст, ки муҳофиз ва нигоҳдори Истиқлоли давлатӣ бошад ва бо эҳсоси баланди ватанхоҳию сулҳпарастӣ онро ба наслҳои оянда комилу бегазанд ба мерос гузорад.

Бори дигар ҳамаи шумо, ҳамватанони азизро, бо ҷашни ҳуҷаставу муқаддаси миллӣ 32–юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона муборакбод намуда, бароятон саломатии бегазанд, саодати рӯзгор, зиндагии ободу осуда ва шукуфоии ҳамешагии кишварро хоҳонам.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша пойдору устувор ва ҷовидон бод!

**Ҷашни бузурги Истиқлол муборак!**

# ДАР ҶАЛАСАИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТ

**22-уми августи соли равон дар Ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо дар бораи “Таҳлили фаъолияти хадамоти ҳифзи меҳнат дар ташкилоту муассисаҳои шаҳрҳои Панҷакент, Гулистон, Бӯстони вилояти Суғд ва ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон”, “Натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар 7 моҳи соли ҷорӣ” ва “Омодагии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии вилояти Хатлон ба Соли нави таҳсил” мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**

Дар иртибот ба масъалаи якуми рӯзнома гуфта шуд, ки аз раванди таҳлили фаъолияти ташкилоту корхонаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда муайян карда шуд, ки то ба ҳол аксарияти корфармоён уҳдадориҳои худро ҷиҳати таъмин намудани талаботи қисми якуми моддаи 355 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро накардаанд. Ташкили ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳои дорои зиёда аз 50 нафар корманд тибқи муқаррароти меъёри моддаи мазкур танзим нагаштааст, яъне Хадамоти ҳифзи меҳнатро, ки бевосита ба роҳбари ташкилот тобеъ мебошад, таксис надодаанд.

Мақсад аз ташкил намудани Хадамоти ҳифзи меҳнат дар ташкилоту корхонаҳо, ин дуруст ба роҳ мондани кори ташкил ва омӯзиши усулҳои бехатарии кор дар раванди фаъолият, ба роҳ мондани барномасозиҳо барои додани дастурҳои бехатарии кор, аз ҷумла дастурҳои мукаддимавӣ, ибтидоӣ, ҳамзамон бо мақсади баҳравар гардидани кормандон аз кафолату имтиёзҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатиро танзимкунанда, инчунин коҳиш додани захмбардории истеҳсолӣ ва ҳолатҳои пешгирии ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ равона карда шудааст.

Дар заминаи моддаи 355 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2018, №18 бо қарори худ Низомномаи (намунавии) Хадамоти (раёсати, шуъбаи, бахши) ҳифзи меҳнати ташкилоту массисаҳоро тасдиқ намуда буд, ки иҷрои он аз тарафи тамоми роҳбарони ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳои ҳудуди ҷумҳурӣ, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили фаъолияти Хадамоти ҳифзи меҳнат дар ташкилоту муассисаҳои шаҳрҳои Панҷакент, Гулистон, Бӯстони вилояти Суғд ва ноҳияи Данғараи вилояти Хатлонро баррасӣ намуд ва аз он нуктаи назар, ки масъала боиси таваҷҷуҳи ҷиддист, нашрия зарур донист, ки қарори онро мансури хонанда намояд.

**Қарори ҳайати мушовараи вазорат:**

1. Маълумотномаи Раёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ оид ба натиҷаҳои таҳлили фаъолияти хадамоти ҳифзи меҳнат дар ташкилоту муассисаҳои шаҳрҳои Панҷакент, Гулистон, Бӯстони вилояти Суғд ва ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба инобат гирифта шавад (замима мегардад).

2. Раёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ (Носирзода Д.), Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ:

- дар ҳамкорӣ бо Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва иттиҳодияи корфармоён ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта, тадбирҳои иловагӣ андешанд;
- якҷо бо мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Панҷакент, Гулистон, Бӯстони вилояти Суғд ва ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон барои таъсиси хадамоти ҳифзи меҳнат ва фаъолияти босамари онҳо корҳои фаҳмондадиҳиро тақвият бахшанд;
- якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати ворид намудани тағйироти дахлдор дар сохтор ва сметаҳои хароҷотии корхонаву ташкилотҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда бо назардошти моддаи 355 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудани таъсиси Хадамоти ҳифзи меҳнат корбарӣ намоянд;
- натиҷаҳои таҳлили фаъолияти Хадамоти ҳифзи меҳнатро дар шаҳру ноҳияҳои зикршуда барои корбарӣ ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ирсол намоянд.

3. Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (Маҳмадзода С.) якҷо бо МД “Маркази такмили ихтисос” ҷиҳати фаҳмондадиҳии муҳтаво ва муқаррароти моддаи 355 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коллективҳои меҳнатӣ дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вохурӣ ва машваратҳо доир намуда, вобаста ба корҳои омодашуда то 1 декабри соли 2023 ба вазорат ахборот манзур намоянд.

4. Ба Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҳамузви он тавсия дода мешавад, ки ҳангоми таҳия намудани созишномаҳои соҳавӣ ва шартномаҳои коллективӣ талаботи муқаррароти моддаи 355 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба асос гиранд.

5. Корхонаи воҳиди давлатии Рӯзномаи “Шуғл ва муҳоҷират” (Файзуллоев Ф.) маълумотномаи мухтасар ва қарори Ҳайати мушовараи вазоратро дар Рӯзномаи “Шуғл ва муҳоҷират” ба табъ расонад.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовинони вазир гузошта шавад.

Ҳамзамон, масъалаҳои дувуму севуми рӯзнома низ ҳамаҷониба баррасӣ шуда, ҷаласаи ҳайати мушовара вобаста ба онҳо қарори дахлдор қабул намуд.

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02

## ТАЪМИНИ МУҲОҶИРОНИ БАРГАШТА БО ҶОЙИ КОР

28-уми августи соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Литсейи касбии политехникии шаҳри Хуҷанд бо иштироки муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қиёмиддин Давлатзода ҷаласаи кории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатии воридшавиашон муваққатан манъгардида бо кор дар ҶСК НБО «Роғун», НБО «Қайроқум», НБО «Себзор» ва дигар масъалаҳои ҷорӣ баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур роҳбарони сохторҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират, Маркази таълимии калонсолон ва раисони ҷамоатҳои шаҳр иштирок намуда, роҷеъ ба корҳои иҷрошуда дар ин самт гузориш доданд.

Муовини вазир масъалаи мавриди назарро дар ҳузури иштирокдорони ҷаласа ҳамаҷониба баррасӣ намуда, ба масъулин бобати ҳаллу фасли масоили ҷойдошта дастуру супоришҳои мушаххас дод.

**Хабарнигори мо**

## ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ БИСЁРҶОНИБА ҶИҲАТИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рақамикунонии босуръати иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди инфрасохтори кишвар ва хизматрасониҳои рақамӣ дар доираи ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва донорҳо тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намуда истодааст.**



25 августи соли ҷорӣ ҷаласаи навбати Шурои мазкур баргузор гардид, ки ҳадафи он ҷалби донорҳо ва шарикони ҷиҳати рушд мусоидат ба раванди ислоҳоти соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, муаррифии Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул барои сокинони ҷумҳурӣ, инчунин фароҳам овардани имконият барои гузаронидани таҳқиқоти равандҳои танзими муҳоҷират мебошад.

Ҷаласа таҳти роҳбарии муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нодирӣ Шаҳноза Анвар доир шуда, намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, прокуратураи генералӣ, Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, Иттиҳоди Аврупо ва Бонки ҷаҳонӣ суханронӣ намуданд.

Зикр гардид, ки Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 якҷо бо Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023, №309 қабул гардида, мақсад ва вазифаҳо, таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот, нишондиҳандаҳо, самтҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Дар кори ҷаласа роҳбарият ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, намояндагони шарикони рушд, донорҳо, созмонҳои байналмилалӣ, намояндагони сафоратҳо, коршиносон ва масъулини ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муҳоҷират ширкат намуданд.

Аз ҷониби вазорат Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират то соли 2040 ва Нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025 муаррифӣ ва лоиҳаи барномаи рақамикунонии "Системаи ягонаи иҷозатдиҳии Хадамоти муҳоҷират" рӯнамо гардид.

Зимни ҷаласа самтҳои нав ва нақшаҳои минбаъдаи ҳамкорӣ пешниҳод шуда, иштирокчиён, аз ҷумла, шарикони рушд доир ба амалӣ гардидани онҳо ибрози назар намуданд. Ҳамзамон, ҷиҳати густариши ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва рушди минбаъдаи соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон пешниҳоду тавсияҳои судманд манзур гардиданд.

**Хабарнигори мо**

## ТАТБИҚИ ТАДБИРҲОИ ТОЗА НУФУЗИ СОҲАРО БОЛО МЕБАРАД

**Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 23 декабри соли 2022 таъкид гардид, ки «бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он қабули барномаҳои соҳавию минтақавӣ зарур аст».**

Ин таъкиди Сарвари давлат дар ҳолест, ки феълан дар мамлакат ба таъсиси ҷойҳои нави кор, самаранок гардонидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, касбомӯзии калонсолон ва дигар тадбирҳои марбут ба он аҳамияти ҷиддӣ дода мешаванд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» давлат амалӣ гардонидани сиёсати мусоидат ба шуғли пурраю самарнаок ва озодона интихобшударо, ки ба фароҳам овардани шароит бахри дар амал татбиқ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат нигаронида шудааст, кафолат медиҳад. Мусаллам аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт чораҳои зарурӣ андешида, то кунун тадбирҳои амалишуда ба беҳтар гаштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат намудааст. Чунончи дар Паёми навбатӣ бо ишора ба ин масъала зикр шуд: «Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пули аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 - ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонда шуд. Дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ аз 27, 4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш ёфт».

Муҳимтар аз ҳама, тибқи дастури Сарвари давлат қарор аст Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар кишвар барои давраи то соли 2040 таҳия, қабул ва мавриди амал қарор гирад. Татбиқи Консепсия ва барномаҳои миёнамуҳлати он имкон медиҳанд, ки шуғли пурмаҳсул ҷойгоҳи муносиби худро дар раванди ташаккулёбии муносибатҳои меҳнатӣ ва рушди иқтисоди ҷумҳурӣ соҳиб гардад. Бо роҳандозӣ гардидани шуғли пурмаҳсул тарзу воситаҳои истифодаи захираҳои меҳнатӣ комилан тағйир меёбанд, зеро яке аз ҷанбаҳои он бо хароҷоти ками иҷтимоӣ таъмин намудани натиҷаҳои баланди истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад.

Дигар ҷанбаи муйянкунандаи ин мафҳум, ба даст овардани даромади кофӣ ва мувофиқи корманд аз натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Ба ибораи дигар, шуғли пурмаҳсул ҳамон кореро ҳисобидан мумкин, ки он тавассути даромади худ сатҳи қонеъкунандаи зиндагии кормандонро таъмин карда метавонад.

Бояд гуфт, ки Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» барои давраи солҳои 2022-2026 мавзуи илмии «Асосҳои иҷтимоӣ-меҳнатии таъмини шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро интихоб намудааст. Дар ҳамин ҳол, ҷиҳати иҷрои дастури Президенти мамлакат ходимони илмии пажӯҳишгоҳ дар раванди таҳияи лоиҳаи Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, инчунин, барномаҳои миёнамуҳлати татбиқи он иштироки фаъолона доранд. Дар ин замина масоили зерини марбут ба шуғли пурмаҳсул мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор хоҳанд гирифт:

- равандҳои демографӣ ва таъсири онҳо ба рушди шуғли пурмаҳсул;
- тағйирпазирии сатҳи шуғли пурмаҳсул дар иқтисодиёт;
- такомули ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии шуғли пурмаҳсул дар деҳот;
- дурнамои ташаккули низоми шуғли пурмаҳсул.

Дар рафти корҳои таҳқиқотӣ ба нақши соҳаи саноат аҳамияти хосса дода мешавад, зеро он дар таъмини сатҳ ва сифати фаъолияти самарабахши меҳнатӣ ва таъмини аҳолии қобили меҳнат бо шуғли пурмаҳсул мавқеи муҳим дорад. Ҳамзамон, такмили низоми музди меҳнат, вазъи кунунии сифати раванди таҳсилот ва касбомӯзии муассисаҳои таълимӣ, ки ба беҳбудӣ ниёз доранд, ихтисосу ҳунарҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва ғайра ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд.



**Моёншо МАҲМАДБЕКЗОДА, директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷиратва шуғли аҳолӣ», номзади илмҳои сиёсӣ**

МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

№ 14
06 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023
Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ДУХТАРОН ВА БОНУҲО КАСБҲОИ ЗАМОНАВӢ МЕОМӮЗАНД

**Баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа, фаро гирифтани бонувон ба зинаҳои гуногуни таҳсил, соҳибкасб намудан ва бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани занон аз ҳадафҳои олии Ҳукумати кишвар ба ҳисоб меравад. Гузориши фишурдае дар ҳамин хусус.**



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ пайваста масъалаи соҳибкасб намудани занону бонувонро таъкид менамоянд.

Аз ҷумла, соли 2019 зимни ироаи Паёми худ ба Парлумони кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур доданд, ки сифати таҳсилот ба касбомӯзиро дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар созад ва ихтисосу ҳунарҳоеро, ки барои кишвар заруранд, таъсис дода, ҷиҳати ба шуғл таъмин шудани сокинони мамлакат, бахусус, занону духтарон тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" ин дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи фаъолияти худ қарор дода, ҷиҳати ба касбомӯзӣ фаро гирифтани занону бонувон пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Танҳо дар 7 моҳи соли 2023, тавассути Марказ ва филиалҳои он дар маҷмӯъ 20370 нафар шаҳрванд ба омӯзиш фаро гирифта шуд, ки аз ин шумора 11248 нафар ва ё 55,2%-ро занон ташкил медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки аз шумораи умумии занони ба омӯзиш фарогирифта 5571 нафар (49,5%) дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон касбомӯзӣ намуда, инчунин бо стипендия таъмин шуданд.

Зимни татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти таълими калонсолон, Муассиса барои фароҳам овардани шароити омӯзиши малакаҳои касбӣ ва ҳаётӣ барои занону бонувони хонашин, оилаҳои муҳоҷирони баргашта ва ашхоси ниёзманд аз ҳисоби бонувон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Дар доираи лоиҳаи "Беҳтар намудани вазъи шуғл ва даромади муҳоҷирони тоҷик дар Тоҷикистон" зиёда аз 1000 нафар занону бонувон ройгон ба касбомӯзӣ ва семинарҳо доир ба малакаҳои ҳаётӣ ҷалб гардиданд.

Шавқу рағбати занонро ба касбомӯзӣ ба инобат гирифта, "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" ба замимаи Иҷозатномаи фаъолият касбу ихтисосҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, ҳунарҳои мардумӣ ва касбу ихтисосҳои муосир, аз қабили, адрасбофӣ, консервакунонии меваю сабзавот, гулдӯзӣ, занбуриасалпарварӣ, забонҳои англисӣ ва кореягӣ, қолинбофӣ, муҳосибӣ ва ороишгари мӯйро ворид намуд.

Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" минбаъд низ дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мавриди корбарӣ ва иҷро қарор дода, ҷиҳати ба касбомӯзӣ фаро гирифтани занону бонувон аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода менамоянд.



**Хосиятмоҳ МАҲМУДОВА, директори МД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон"**

# БО ДАСТОВАРД - БА РӮЗИ ИСТИҚЛОЛ

**Муассисаи давлатии «Литсейи касбии махсуси маъюбон» вобаста ба таҷлили сазовори ҷашни 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодагӣ ба Соли нави таҳсили 2023–2024 корҳои назаррас ба анҷом расонд. Дар иртибот ба ин натиҷаҳои зер ба даст омад:**



Пеш аз ҳама, бинои таълимӣ ва синфхонаҳо таъмир гардида, саҳни ҳавлии муассиса рангубор карда шуд. Якчанд шиору овезаҳо бахшида ба 35- солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо", "Ҷавонон - нерӯи созандаи ҷомеа", "Солҳои 2020 – 2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" омода гардида, дар деворҳои бинои таълимӣ ва хобгоҳи муассиса насб карда шуд.

Айни замон дар муассиса 90 воҳиди корӣ мавҷуд аст, ки аз ин шумора маъмурият 11 нафар, омӯзгорон ва устоҳои талими истеҳсолӣ 33 нафар, мураббӣ 4 нафар, кормандони тиб 10 нафар, кормандони ошхона 7 нафар, кормандони хоҷагӣ 21 нафар, кормандони Маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир 2 нафар, ташкилотчии омавӣ-фарҳангӣ ва корманди ичтимоӣ 2 нафарро ташкил медиҳад. Ҳоло норасоии кадрӣ вуҷуд надорад.

Литсей бо Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати талим» ҳамкорӣ дошта, журналҳои назарӣ ва таълими истеҳсолиро дастрас намудааст ва барои соли нави хониш омода мебошанд.

Тибқи Оинномаи муассиса комиссияи қабул аз 1 июн то 20 август ташкил карда шуд. Дар соли 2023 бо пешниҳоди муассиса ва ҷонибдории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоазизов Ҷонибек котиби комиссияи қабул таъин карда шуд. Қабули хонандагон ба муассисаи таълимӣ дар асоси «Қоидаҳои қабули хонандагон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои талаботи Оинномаи муассисаи таълимӣ ва аризаи дохилшавандагон ба роҳ монда шуд. Бо мақсади ҷалби довталабон дар ҳамкорӣ бо васоити ахбори омма корҳои тарғиботию ташвиқотӣ чараён дошта, тули ин муддат комиссия кори худро пурсамар роҳандозӣ намуд ва нақшаи қабул ба пуррагӣ иҷро гардид.

Бояд гуфт, пойгоҳи моддию техникии муассисаро 243 миз, 658 курсӣ, 19 мизи лабораторӣ, 19 мошинаи дарздӯзӣ, 46 ҷевони китоб, 52 компютер, 1 тахтаи электронӣ, 9 проектор, 11 принтер, 1 сканнер, 9 телевизор ва 15 кондитсионер ташкил медиҳад. Дар нимсолаи аввали соли 2023 аз ҷониби муассиса 20 ҷевони либосмонӣ ва 20 ҷевони китобмонӣ харидорӣ карда шуд.

Бояд афзуд, ки кормандони муассиса барои оғози соли нави таҳсил корҳои созандагиву ободкориро ҳамаҷониба тақвият бахшида, ҳар ҳафта шанбегиҳо баргузор менамоянд.




Ҳамин тариқ, муассисаи мо барои соли нави таҳсили 2023-2024 пурра омода гардида, Рӯзи донишро дар сатҳи баланд баргузор намуд ва ҷашни 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо сари баланд истиқбол хоҳад кард.

**Хуршед ИСМАТУЛЛОЗОДА, директори Муассисаи давлатии «Литсейи касбии махсуси маъюбон»**

МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15

# ТАРБИЯ АЗ ОИЛА ИБТИДО МЕГИРАД



Дар иртибот ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз ҷониби МД "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" чораҳои зарурӣ андешида шуда, корҳои судманд ба сомон расонида шудааст. Аз ҷумла, дар 7 моҳи соли равон 22 курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бо иштироки 381 нафар шунаванда ҷараён гирифт.

Аз теъдоди умумии хатмкардагони курсҳо 257 нафар ё 67,5 фоиз кормандони муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 60 нафар ё 15,7 фоиз дастгоҳи маркази вазорат ва воҳидҳои сохтории он, 18 нафар ё 4,7 фоизро омӯзгорони фанҳои тахассусии МДТ "Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе", 28 нафар ё 7,3 фоизро кормандони Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон", марказҳои таълимӣ ва касбомӯзии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва 18 нафар ё 4,7 дарсадаро кормандони Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ташкил медиҳанд.

Дар раванди баргузории курсҳо роҷеъ ба масъалаи тарбия дар барномаҳои таълимӣ соатҳои дарсӣ (2 соат) ҷудо гардида, ба шунавандагон корҳои фаҳмонидан ба шарҳу тавзеҳи қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" баррасӣ карда мешавад.

Дар ин курсҳо аслан гуфта мешавад, қонуни зикргардида барои тарбияи дурусти фарзандон, ки беҳтарин воситаи бақои оила ва сарчашмаи асосии хушбахтии мост, омили фароҳам овардани муҳити бовар ва эҳтироми ҳамдигарист.

Мақсади қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад. Мазмуни асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ташкил медиҳанд.

Уҳдадории падару модар аз он иборат аст, ки онҳо бояд тамоми донишу малакаи худро барои тарбияи дурусти фарзандон равона намоянд ва воситаю шароитеро муҳайё созанд, ки фарзандонашон бештар ба донишандӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунар машғул бошанд. Зеро тарбия аз оила сарчашма мегирад ва оила аввалин мактаби рӯзгор аст. Аз эҳсоси баланди масъулияти падару модар хулқу атвори оиндаи фарзанд вобастагии калон дорад.

Таълиму тарбия дар пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди иҷтимоӣ: оила, мактаб ва ҷомеа руҳу равони воқеӣ пайдо мекунад. Махсусан, нақши оила ҳамчун ҷузъи асосии ҷамъият дар тарбияи фарзанд басо муҳим мебошад. Падару модарон, ки сутуни хонавода ва ё оиларо ташкил медиҳанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандон диқати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Ҳар як падару модар барои тарбияи фарзандонашон дар оила бояд аз беҳтарин анъанаҳои ахлоқии гузаштагонамон истифода баранд. Ҳар як падару модар эътибори худро дар назди фарзанд бо тарбияи хуб афзун кунонида метавонад. Яке аз амалҳое, ки барои инсони баркамол шудани кӯдакон нақши муҳим мебозад, ин бедор намудани завқи китобхонии онҳо ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф, яъне барои бедор намудани шавқу завқи китобхонӣ ба мо зарур аст, ки пеш аз ҳама худ китобхон бошем ва барои кӯдак намуна буда тавонем. Чунки кӯдак як хислати хуби аз-худкунӣ дорад ва ӯ бештар тақлидкорӣ мекунад, яъне ҳар коре, ки мо дар муҳити хона ва ё берун аз он анҷом медиҳем, ба кӯдак таъсири худро мерасонад.

Дар ин ҷода дастур ва роҳнамои беҳтарин барои волидон китобҳои арзишманди ниёгонамон, аз қабили «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Насиҳатноам»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насриддини Тусӣ, «Кимиёи саодат»-и Ғазолӣ, «Ахлоқи Мӯҳсини»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар панду насиҳатномаҳо мебошанд. Дар ин китобҳо марҳалаҳои мухталифи таҷрибаи ахлоқии миллати тоҷик ҷамъбаст гардида, нақши падару модар дар тарбия, таълим ва ташаккули фарзанд, ки ояндаи ҷомеаро муайян менамоянд, бо далелҳои муътамад собит гаштаанд.

Бинобар ин, тамоми қишрҳои ҷомеа бояд дар татбиқи қонуни мазкур худро масъул ва уҳдадор ҳисобида, зиндагии фарзандро бояд тибқи нақшаи муайян амалӣ намоянд. Ҳар як падару модарро зарур аст, ки вазифаи ҷонӣ ва қарзи шаҳрвандии худро хуб дарк намуда, фарзандонро бо роҳи дуруст, анҷоми амалҳои тақдирсоз, омӯзиши илму ҳунар ва азхудномоии техникаву технологияҳои муосир, ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ободониву созандагии Ватани азизамон –Тоҷикистон ҳидоят кунад ва тавонад, ки дар оянда аз фарзанди содиқу номбардори миллати худ ифтихор намояд.

**Б.Ш. ДАВЛАТОВ,**
**методист-мутахассиси МД "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"**

# АЗ "РОҲНАМОИ МУҲОҶИР" ИСТИФОДА НАМОЕД!

**Хадамоти муҳоҷират бо мақсади вусъат додани корҳои иттилоотию фаҳмонидан дар байни муҳоҷирони баргашта, омодасозии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии онҳо аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ чораҳои зарурӣ меандешад.**

Дар нимсолаи якуми соли равон аз ҷониби сохторҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳо, маҳаллаҳо ва муассисаҳои таълимӣ, дар маҷмуъ, 1179 вохӯрӣ бо иштироки 78253 нафар шаҳрвандон баргузор шуд. Ин фаъолият дар оянда низ тавассути сохтори Хадамоти муҳоҷират- МД "Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ" дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд ва Бохтар тақвият дода мешавад.

Ҳамзамон, бо мақсади иттилоотонии шаҳрвандон дар мавзуъҳои гуногуни рӯзмарра барои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути шабакаҳои телевизиону радио ва рӯзномаҳои маҳаллию ҷумҳуриявӣ аз ҷониби кормандони Хадамоти муҳоҷират, дар маҷмуъ, 123 мақола ва 7 адад барномаҳо тариқи васоити ахбори омма сабт намуда, пешкаши шаҳрвандон гардонида шуданд.

Бояд қайд кард, ки дар ин самт сомонаи Хадамоти муҳоҷират (www.migration.tj) фаъол буда, ҷиҳати иттилоотонии аҳолӣ васеъ истифода карда мешавад. Дар назди Вазорат рӯзномаи "Шуғл ва муҳоҷират" фаъолият мекунад, ки Хадамот пайваста матолиби иттилоотӣ барои муҳоҷирони меҳнатиро дар он ба нашр мерасонад. Дар ин давра доир ба мавзуи муҳоҷирати меҳнатӣ дар сомонаи Хадамот ва рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират» 36 воҳид хабару мақолаҳо бо забонҳои тоҷикию русӣ нашр карда шуданд.

Ҳамзамон, дар шабакаи интернетӣ замимаи мобилии "Роҳнамои муҳоҷири меҳнатӣ" infomuhojir.tj коркард шуда, айни ҳол мавриди баҳрабардории шаҳрвандон қарор дода шудааст. Қобили қайд аст, ки замимаи мобилӣ фарогири муҳимтарин маълумот ва ахбор барои муҳоҷирон буда, аз се қисми таркибӣ: "Қабл аз муҳоҷират", "Дар давраи муҳоҷират" ва "Баъд аз муҳоҷират" иборат аст.

Ҳамагӣ бо як бор ройгон боргирӣ намудани замимаи мобилӣ, муҳоҷир метавонад онро дар тамоми раванди муҳоҷират истифода барад, зеро ин ҷо буклету варақаҳои таблиғотӣ, китобчаҳову шарҳи қонунҳо ҷойгир карда мешаванд. Тамоми маълумоти муфид, аз ҷумла, тартиби тариқи Интернет аз ҷониби худи муҳоҷирон санҷидани ҳолати манъи вуруд, суроға ва рақамҳо барои тамос бо сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, намояндагии вазорат дар Федератсияи Россия, диаспораҳои тоҷик ва сафорат ҳангоми ба вуҷуд омадани саволҳо ҷой дода шудаанд.

Бо истифодаи ин сомона муҳоҷирон метавонанд ҳама гуна маълумоти лозимиро дастрас намоянд ва ҳатто ҳангоми наёфтани ҷавоб ба саволҳои худ мустақиман ба масъулони сомона муроҷиат кунанд. Барои ин функсияи "Доимо бархат" ("Горячая линия") фаъол мешавад, ки тавассути он истифодабарандагон ҳам ба сомона ва ҳам ба замимаи мобилӣ метавонанд саволҳои худро пешниҳод намоянд.

Минбаъд, ҳангоми бурдани корҳои иттилоотӣ ва фаҳмонидан байни муҳоҷирон аз ҷониби сохторҳои Хадамоти муҳоҷират тарзи боргирӣ кардан ва истифода аз замимаи мобилӣ фаҳмонида мешавад. Нуктаи назари муҳоҷирон – истифодабарандагоно омӯхта, дар лаҳзаҳои лозимӣ ба замима ва сомона тағйирот ворид мегардад. Ҷорӣ намудани сомонаи нави Хадамоти муҳоҷират ва замимаи мобилии "Роҳнамои муҳоҷир" барои дастрас намудани бештари маълумоти иттилоотӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Аслишо НОДИРШОЕВ,**
**сардори шуъбаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷаи Хадамоти муҳоҷират**

**МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Шуғл ва МУҲОҶИРАТ**

# РАЁСАТИ АГЕНТИИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД: МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

| Р/Т | Номгӯи мансабҳо | Маоши мансабӣ |
|---|---|---|
| 1. | Муовини сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Исфара | 2227,55 |
| 2. | Сармутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Конибодом | 1361,20 |
| 3. | Сармутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Зафаробод | 1361,20 |
| 4. | Мутахассиси пешбари Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Б.Ғафуров | 1062,40 |
| 5. | Мутахассиси пешбари Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Исфара | 1112,20 |
| 6. | Мутахассиси пешбари Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Истаравшан | 1112,20 |
| 7. | Мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Деваштич | 1062,40 |
| 8. | Мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Ҷ.Расулов | 1062,40 |
| 9. | Мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Мастчоҳ | 1062,40 |
| 10. | Мутахассиси пешбари бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Истиқлол | 1112,20 |
| 11. | Мутахассиси пешбари бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Бӯстон | 1112,20 |
| 12. | Мутахассиси Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд | 913,00 |
| 13. | Мутахассиси Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Исфара | 913,00 |
| 14. | Мутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Мастчоҳ | 913,00 |

**ТАЛАБОТ АЗ ДОВТАЛАБОН:**

**Барои ишғолкунандаи мансаби маъмурии категорияи дуюм (муовини сардори Раёсат):**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансаби категорияи 3 ё 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ (донистани забони хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад), кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ ва донистани технологияи компютерӣ.

**Барои ишғолкунандаи мансаби маъмурии категорияи панҷум (сармутахассис):**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ (донистани забони хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад), кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ ва донистани технологияи компютерӣ.

**Барои ишғолкунандаи мансаби маъмурии категорияи шашум (мутахассиси пешбар):**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ ва донистани технологияи компютерӣ.

**Барои ишғолкунандаи мансаби маъмурии категорияи ҳафтум (мутахассис):**

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад, донистани технологияи компютерӣ.

**ҲУҶҶАТҲОИ ЗАРУРИИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА:**

- аризаи шахсӣ ба унвони сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд;
- варақаи шахсии ба ҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи дафтарчаи мехнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсилот;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- маълумотнома аз ВКД оид ба надоштани доғи судӣ;
- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- маълумотнома (объективка);
- нусхаи билети харбӣ (барои шахсоне, ки хизмати харбиро адо намудаанд);
- ( 4 дона расми 4х6)

Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд, баъди чопи аввали эълон дар муҳлати 21 рӯз дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ қабул карда мешаванд.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо: вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 28, бинои Раёсати Агентии меҳнат ва шуғлиаҳолӣ дар вилояти Суғд, ошёнаи 2.**

**Телефон: 5-64-23, факс 6-68-05, нишонаи сомона shugl10@mail.ru.**

# ҶОЙҲОИ КОРИ ХОЛӢ

**Барои сафарбаркунии муташаккилона ба хориҷи кишвар аз ҷониби МД “Агентим бокортаъминкунӣ дар хориҷа”**

| Р/Т | Давлатҳо | Ширкати корфармо | Шумораи ҷойҳои кори холӣ | Самти фаъолият (соҳа) | Маош |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Федератсияи Россия | ООО “Донской текстиль” | | Дӯзандагӣ (текстиль) | 30000 то 45000 –ҳазор рубл |
| 2. | Федератсияи Россия | Ширкати “ПЭК” | | Ҳамакора, борбардор | 32000-ҳазор рубл |
| 3. | Федератсияи Россия | Ширкати ООО “Стройреконструкция | | Сохтмон | 70 то 300- ҳазор рубл |
| 4. | Федератсияи Россия | Ширкати “Щелковский МПК” | | Ҳамакора | 34000 – ҳазор рубл |
| 5. | Федератсияи Россия | Ширкати “Акпласт” | | Ҳамакора | 45000 то 50000 ҳазор рубл |
| 6. | Федератсияи Россия | Ширкати “Микеланжело” | | Ҳамакора | 40000 – ҳазор рубл |
| 7. | Федератсияи Россия | Ширкати “ОКН Сервис” | | Борбардор | 50000 – ҳазор рубл |
| 8. | Федератсияи Россия | Ширкати “Гавари Групп” | | Коргари ёрирасон | 52000 то 62000- ҳазор рубл |
| 9. | Давлати Қувайт | Ширкати “Al-Huqooq International Representative of company” | | Парастор, духтур, ронанда ва корҳои меҳмонхона | Аз 700 то 4000$ - доллар |
| 10. | Давлати Қатар | Ширкати“Recruitment Qatar (Wiza)” | | Намудҳои кори замин, сохтмон, ошпаз, моҳигир ва ғайра | Аз 440$ -доллар |
| 11. | Ҷумҳурии Литва | Ширкати“Euro Vis” | | Сохтмон ва ронандаи мошини борбардор | 800 то 1100 - ҳазор евро |

**Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 108. Тел: 221-39-83/221-39-67**

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# «КӮЧАИ ЧОЙ» ДАР ВИЛОЯТИ СВЕРДЛОВСК



Аз «Гӯшаи миллии фарҳанги тоҷик» дар намоишгоҳ-ярмаркаи шаҳри Ирбити вилояти Свердловски Федератсияи Россия шахсан Губернатори он дидан кард.

12 августи соли 2023 Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Екатеринбург Зафар Сайидзода ба хотири муаррифии суннатҳо ва фарҳанги чойнӯшии тоҷикон дар доираи татбиқи Барномаи сайёҳии вилояти Свердловск таҳти унвони «Кӯчаи чой» дар намоишгоҳ--ярмаркаи 21-умини байнминтақавии «Ярмаркаи Ирбит» иштирок намуд ва дар Гӯшаи фарҳангии тоҷикистонии он бо Губернатори вилояти Свердловск Евгений Куйвашев оид ба баъзе масъалаҳои роҳандозии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии муфиди байнимнтақавӣ дар суҳбати кӯтоҳе ба мувофиқаҳои мушаххас расид.

Губернатори вилоят ба Вазири робитаҳои байналмилалӣ ва хориҷии иқтисодии вилояти Свердловск Вячеслав Ярин ва муовинаш Людмила Берг супориш дод, ки дар роҳандозии раванди ҳар чӣ зудтар ворид гаштани маҳсулоти чойӣ ва дигари ширкати "Тоҷ Бозор" (муассису роҳбараш соҳибкори екатеринбургии тоҷиктабор Зуҳал Муродов) ба бозори дохилӣ чораандешӣ намоянд.

# ДАР ФУРУДГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон корҳои фаҳмониданро ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки тавассути фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Бохтар, барои фаъолияти меҳнатӣ ба кишвари Федератсияи Россия равонаанд, ҷоннок менамоянд.

Зимни вохӯрӣ ба сокинони мамлакат дар бораи «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025» ва «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро фаҳмонида, онҳоро ба ворид нашудан ба ҳар гуна гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ва аз даст надодани зиракии сиёсӣ даъват месозанд.

Корҳои фаҳмонидан дар фурудгоҳи байналмилалии Бохтар ба ҳукми анъана даромадааст.

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон**

Эълон!

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**

Нафаре, ки аввалин шуда ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.

Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36



Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шуғл ва МУҲОҶИРАТ**

# ИНСОНИ ХОКСОРУ ОДӢ ВА РАИЯТПАРВАР



Ҳақиқат ин аст, ки ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик ва кишвари Тоҷикистон ҳамон ҷойгоҳу нақшеро доранд, ки Фаридун барои Эронзамин дошт, зеро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти таърихии миллати тоҷик ва кишвари Тоҷикистон таъсири раҳоибахш доштаанд. Ин марди бузург миллати тоҷик ва сарзамини Тоҷикистонро дар бурҳае аз таърих аз мушкилоти таърихӣ берун оварда ва ин миллатро дар масири дурусти таърих қарор доданд.

**Яъқуби ЯСНО,**
**пажӯҳишгар**

***

Зебоии Тоҷикистон амсол надорад. Ман имрӯз хушбахт мебудам, агар дар яке аз гӯшаҳои ин кишвар зиндагӣ мекардам. Ман Тоҷикистонро дӯст медорам! Тоҷикистон бо Эмомалӣ Раҳмон суботи худро ҳифз мекунад, халқи кишвар сол ба сол ба пешрафт ноил мешавад.

**Масъуди СИПАНД,**
**шоири эронитабори ИМА**

***

Хайрият, ҷумҳурӣ ба дасти шахсе расид, ки ба ҳеҷ идеологияи иртиҷоӣ олуда нест. Яъне, нақши барҷастаи Президенти муҳтарами мо Эмомалӣ Раҳмон беш аз ҳама дар он аст, ки ҷумҳуриро бехалал нигоҳ дошта тавонист. Як ҷавони 40-сола аз байни мардум баромад, мардумӣ буд воқеан, дӯсташ доштанд, аз ягон мактаби партиявӣ нагузашта буд, сарвар интихобаш карданд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мардум бисёр эҳтиром мекунанд, чунки бисёр як инсони хоксору одӣ ва раияпарвар аст. Ӯ ба унвони Қаҳрамони Тоҷикистон ва Пешвои миллат ҳазор бор арзандаю сазовор аст.

**Бозор СОБИР,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

***

Дар ҳамин понздаҳбист соли охир як чизи бисёр муҳим рӯй дод, ки шумораи касоне, ки ба забони мо босаводона ва хуб гап мезананд, зиёдтар шудааст. Мо телевизион тамошо мекунем, радио гӯш мекунем, дар маҷлисҳо мешинем, дар мулоқотҳо бо роҳбарони идораҳо, бо мансабдорон рӯ ба рӯ мешавем ва мебинем, ки дар байни онҳо касоне, ки бо тоҷикии хуб суҳбат мекунанд ва ба дараҷаи муайян саводи тоҷикӣ доранд, торафт зиёдтар мешаванд. Ин басёр муваффақияти муҳим аст, ки забони тоҷикӣ ба дараҷаи баландтарин мансабҳо, вазоратҳо ва идораҳои давлатӣ расидааст.

**Муҳаммадҷони ШАКУРӢ,**
**адабётшинос**

***

Дар симои Президент Эмомалӣ Раҳмон ман тимсоли ҳақиқии мардуми тамаддунофари тоҷикро мебинам ва бо итминон таъкид менамоям, ки ин бузургвор бо зинда кардани номҳои алломаҳои миллат номи худро низ ҷовидонӣ мегардонад. Зеро танҳо сулҳу осоиштагӣ, тинҷию фаровонӣ оварданаш ба рӯзгори одамон ӯро ба моқому манзалати олӣ баровардааст.

**Чингиз АЙМАТОВ,**
**нависандаи номвари қиргиз**

## МАҶМААИ “ИСТИҚЛОЛ” – ШОҲКОРИИ БЕНАЗИРИ МЕЪМОРӢ




# ОБУНА – 2023

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.



**Муассис:**
**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,**
вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,**
сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,**
сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,**
директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба ухдаи муаллифон аст.
Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ЧДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**тел: 2503243**

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**

**Почтаи электронии мо-**
**Rrohnamo@mail.ru**